ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

КАФЕДРАИ БОЙГОНШИНОСӢ

# БАРНОМАИ КОРӢ (СИЛЛАБУС)

аз фанни «САҲМИ ШАРҚШИНОСОНИ РУС ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХ ВА ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК»

БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ СЕЮМИ ИХТИСОСИ БОЙГОНШИНОСӢ 21030101 –

Ҳаҷми соатҳои таълимӣ- 4 кредит (64 соат)
Семестри шашум
Шакли натиҷавии санҷиш: имтиҳон

**ДУШАНБЕ-2019**

Силлабус ( барномаи корӣ) дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2017 тасдиқ карда шудааст, барои донишҷӯёни ихтисоси таърих ва архившиносӣ тартиб дода шудааст.

Силлабус (барномаи васеъи корӣ) аз ҷониби номзади илмҳои таърих, профессори кафедраи бойгоншиносӣ Ёрмуҳаммадов А тартиб дода шудаааст.

Силлабус (барномаи васеъи корӣ) дар ҷаласаи кафедраи бойгншиносӣ баррасӣ ва бо суратмаҷлиси №5 аз « » 01. 2019 тасдиқ карда шудааст.

Мудири кафедра, н.и.т.,дотсент Наҷотова Н.Б.

---

дар Шӯрои методии факултети таърих бо суратмаҷлиси № _____
аз «____»_________2018 ба чоп тавсия шудааст.

Раиси ШМ, дотсент__________Холов Б.С..

**Маълумот дар бораи омӯзгори ( тютор)- и фании таълимӣ :**
**Ёрмуҳаммадов А _**- номзади илм таърих, профессори кафедраи бойгоншиносӣ

**Маълумот барои алоқа:** ш. Душанбе, хиёбони Борбад,54А Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, бинои № 1, утоқи 3

**Ҷадвали машғулиятҳои дарсӣ**

| Ному насаби омӯзгор | Машғулиятҳои аудитории: | | | Суроғаи омӯзгор |
|---|---|---|---|---|
| | Лексионӣ | Амалӣ | КМРУ | |
| Ёрмуҳаммадов Амиршоҳ номзади илмҳои таърих, профессор | Сешанбе 13 00 15 00 | Чоршанбе 13 00 15 00 | | ДДФСТ ба номи М.Турсунзода,кафедраи бойгоншиносӣ,бинои таълимӣ№ 1 утоқи 37 |

## II. Шарҳи мавқеи фан дар раванди таълим

Фанни таълимии саҳми шарқшиносони рус дар омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик дар нақшаҳои таълимии ихтисоси бойгоншиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии донишкада мақоми фанни интихобиро касб кара, дар ташаккулёбии донишҷӯ ҳамчун мутахассиси баланд ихтисос мавқеи яке аз фанҳои асосӣ (базавӣ)- ро ишғол намудааст. Ҳангоми тадрис он ҳамчун – фанни ёрирасони таърих оид ба назари шарқшиносон доир ба омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик маълумоти пурра медиҳад ва бо ҳамин дар тайёр кардани мутахасисони варзида нақши хело назаррасро ишғол мекунад.

## III.Мақсади омӯзонидани фан

Васеъ гардонидани доираи фаҳмиши донишҷӯ ҳангоми шинос шудан бо шарқшиносон ва ховаршиносони барҷастаи рус, ки дар омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик саҳми арзанда гузоштаанд, малакаву маҳорати аз бар намудани маъхаз, таърих, ташаккул ва инкишоф додани қобилияту маҳорати касбии дониҷӯ ҳангоми ширкат варзидани соҳаи таърих бахшида шудааст.

## IV.Вазифаҳои омӯзонидани фан

- омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик таҳқиқи шарқшиносони рус .
- аз бар намудани асарҳои олимони рус доир ба таърихи халқи тоҷик.
- баланд бардоштани ҳисси хештаншиносӣ ва ватандӯстии донишҷӯён ҳангоми тадриси фани мазкур.
- маълумотҳои муккамал пайдо намудани донишҷӯён оид ба таърих ва фарҳанги халқи тоҷик.

**V.Натиҷаи омӯзонидани фан**

**Дар баробари аз худ намудани фанни таълимӣ донишҷӯ бояд:**

- доир ба шарқшиносони барҷастаи рус маълумот пайдо карда бошад;
- дуруст азхудкунии осори рус;
-оид ба моҳияти асосии омӯзонидани фан сарфахм равад;
-назари мухталифи шарқшиносонро оиди омӯзиши кишвар аз бар намоянд;

**Дар асоси аз худ намудани фанни таълимдонишҷӯ бояд:**

- асарҳои шарқшиносонири русро тавсиф карда тавонад;
- нақши шарқшиносони русро дар омӯзиш ва таҳқиқи таърихи бой ва ғании кишвар дарк карда тавонад;
- тавассути тахтаҳои электронӣ дар дарсҳо ва машғулиятамалӣ ба тариқи слайд презентатсияҳо баромад карда тавонад;

**Пререквизит** (алоқамандии фанни таълимӣ бо фан аз ҷониби донишҷӯ азхуд карда шуда): фанҳои дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимии таҳсилоти умумии миёна азхудкардаи донишҷу: таърих, забон, адаьиёт, асосҳои информатика.

**Постереквизитҳо:** (алоқамандии фанни таълимбо фанҳое, ки донишҷӯ онҳоро дар баробари азхудкунии фанни Саҳми шарқшиносони рус дар омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик ва пас аз худ намудани он дар давоми таҳсил аз худ менамояд): Назария ва методологияи кори бойгонӣ, ва таърихи афкори архившиносӣ, археография, бойгониҳои ғайри давлат, осорхонашиносӣ ва китобхонашиносӣ, дипломатика ва сфрагистика, назария ва методологияи таърих, манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ ва ғайра.

## VI.МАЗМУНИ ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ФАННӢ

| Ҳафтаҳо | №Тартибӣ | Номгӯи мавзӯъҳои машғулиятҳои аудиторӣ | | КМРО | Миқдори соатҳо | Санаи ичро | Холҳои имконпазир | Адабиёт | Тавзе |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Лексионӣ | Амалӣ | | | | | | |
| 1 | 1 | Маъхазҳои қадимаи русӣ ва Осиём Миёна доир ба алоқаи ин минтақаҳо. | | | 2 | | 1.25 | 1,2,5,30,33 | |
| | 2 | | Маъхазҳои қадимаи русӣ ва Осиём Миёна доир ба алоқаи ин мин-тақаҳо. | | 1 | | 1.25 | 1,2,5,30,33 | |
| | 3 | | | Мизи мудаввар. | 1 | | 2.5 | 2,38,24,25, 27 | |
| II | 4 | Саҳми Петри 1 дар инкишофи алоқаҳои Россия бо хонигариҳои Осиём Миёна | | | 2 | | | 2,3,4,7,10,1 2,28 | |
| | 5 | | Хонигариҳои Осиёи Миёна | | 1 | | | 2,4,7,10,21, 22 | |
| | 6 | | | Қабули маълумотҳо | 1 | | | 3,8,9,11,13, 23 | |
| III | 7 | Вазъияти алоқаҳои хонигариҳои Осиёи Миёна ба Россия баъд аз Петри1 | | | 2 | | | 2,3,5,16, 18 | |
| | 8 | | Хонигариҳои Осиёи Миёна ба Россия баъд аз Петри1 | | 1 | | | 2,3,8,9,11,3 0 | |
| | 9 | | | Гузаронида-ни сӯҳбат. | 1 | | | 1,3,5,7,13,1 5 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| IV | 10 | Саҳми шарқшиноси ҷавон Н.Хаников дар ҷамъ кардани маводи таърихии мардуми мо. | | | 2 | | | 2,3,5,12,14,28 | |
| | 11 | | Саҳми шарқшиноси ҷавон Н.Хаников дар ҷамъ кардани маводҳои таърихии мардумии мо | | 1 | | | 2,3,8,9,11,29 | |
| | 12 | | | Қабули маълумотҳо | 1 | | | 2,3,4,7,12,30 | |
| V | 13 | Асарҳои Мейендорф Е. К. доир ба хонигари Осиёи Миёна | | | 2 | | | 5,7,10,12,31 | |
| | 14 | | Асарҳои Мейендорф Е. К. доир ба хонигари Осиёи Миёна | | 1 | | | 3,8,9,11,13 | |
| | 15 | | | Гузаронидани сӯҳбат | 1 | | | 2,3,5,18,20,25 | |
| VI | 16 | Таърихи мардуми мо дар таърихнигории охири асри XIXва ибтидои асри XX | | | 2 | | | 2,8,9,11,13 | |
| | 17 | | Таърихи мардуми мо дар таърихнигории охири асри XIX ва ибтидои асри XX | | 1 | | | 1,2,3,5,12,11 | |
| | 18 | | | Қабули маълумотҳо | 1 | | | 2,7,10,14,17 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| VII | 19 | Хотираҳои КрестовскиВ. «Дар меҳмониии Амири Бухоро». | | | 2 | | | 3,4,7,10,12,32 | |
| | 20 | | Хотираҳои Крестовски В. «Дар меҳмонии Амири Бухоро». | | 1 | | | 2,3,89,11,13 | |
| | 21 | | | Гузаронидани суҳбат | 1 | | | 2,3,8,9,11,13 | |
| VIII | 22 | Саҳми академик В.В | | | 2 | | | 2,3,8,9,11 | |
| | | Бартолд дар тадқиқи халқи тоҷик. | | | | | | ,13 | |
| | 23 | | Саҳми академик В.В Бартолд дар тадқиқи халқи тоҷик. | | 1 | | | 1,2,3,5,7,19 | |
| | 24 | | | Қабули рейтинги 1 | 1 | | | 1,2,3,5,12,14 | |
| IX | 25 | Болоравии алоқаҳои Россия ва Осиёи Миёна дар асрҳои миёна. | | | 2 | | | 2,3,8,9,11,13 | |
| | 26 | | Болоравии алоқаҳои россия ва ОсиёиМиёна дар асрҳои миёна. | | 1 | | | 2,3,4,710,12 | |
| | 27 | | | Гузаронидани суҳбат | 1 | | | 2,3,4,7,10,18 | |
| | 28 | Пурзур шудани таъсири Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII. | | | 2 | | | 2,3,4,7,10,14 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| X | 29 | | Пурзур шудани таъсири Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XVIII. | | 1 | | | 2,3,4,7,10,20 | |
| | 30 | | | Қабули рейтингҳои | 1 | | | 1,3,9,14,18 | |
| XI | 31 | Фаолияти экспедитсияи илмии Россия соли 1841 дар Бухоро | | | 2 | | | 2,3,6,9,11 | |
| | 32 | | Фаолияти экспедитсияи илмии Россия соли 1841 дар Бухоро | | | | | 2,3,4,7,10 | |
| | 33 | | | Гузаронида сӯҳбат | 1 | | | 2,3,4,7,10 | |
| XII | 34 | Таъсис ёфтани «Утоқи Шарқи» ва саҳми он дар ҷамъ кардани дастаҳо оид ба таърихи Осиёи Миёна | | | 2 | | | 3,8,9,11,13 | |
| | 35 | | Таъсис ёфтани «Утоқи Шарқи» | | 1 | | | 2,3,5,18 | |
| | 36 | | | Қабули маълумотҳо | 1 | | | 2,3,8,9,11,13 | |
| XIII | 37 | Асарҳои В. Григорев доир ба Осиёи Миёна | | | 2 | | | 2,3,7,9,11 | |
| | 38 | | Асарҳои В. Григорев доир ба ОМ. | | 1 | | | 2,3,4,7,10,12 | |
| | 39 | | | Мизи мудаввар | 1 | | | 1,2,3,8,10 | |
| | 40 | Саҳми А.А Семенов дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик. | | | 2 | | | 2,3,5,13,17 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| XIV | 41 | | Саҳми А.А Семенов дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик. | | 1 | | | 2,3,7,9,11,33 | |
| | 42 | | | Қабули маълумотҳо | 1 | | | 2,3,4,7,10,12 | |
| XV | 43 | Фаъолити илмии академик В.В Бартолд | | | 2 | | | 1,2,3,8,10,24 | |
| | 44 | | Фаъолияти илмии академик В.В Бартолд | | 1 | | | 2,3,5,13,17,21,27 | |
| | 45 | | | Гузаронидани суҳбат | 1 | | | 2,3,8,9,11,13 | |
| XVI | 46 | Асари акдемик В.В Бартолд «Тоҷикон ва аҳамияти он. | | | 2 | | | 2,3,4,7,10,12 | |
| | 47 | | Асари акдемик В.В Бартолд «Тоҷикон ва аҳамияти он. | | 1 | | | 2,3,5,7,10,15 | |
| | 48 | | | Қабули рейтинги 2 | 1 | | | 1,2,3,4,10,12,31 | |

## VII. АДАБИЁТ


1. Арбобзода А.Таърихи фарҳанги халқи тоҷик. – Душанбе, 2003.
2. Актуальные проблемы истории таджикского народа //Сб. науч. трудов. – Душанбе, 1988.
3. Барномаи таърихнигории таърихи халқи тоҷик. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2010.
4. Бартольд В.В. История культурной жизни Туркестана. // Соч. – Т. 2- М.: Наука, 1963. С. 294- 392.
5. Бартольд В.В . Таджики. Исторический очерк. // Соч. – Т.2- Ч.1, - М., 1963
6. Брагинский А.С Очерки из истории таджикской литературы. Душанбе,1956
7. Ғаффуров Н. Роҷеъ ба масоили мубрами таърихнигории ҷадидия // маводи конференсияи илмӣ ҷумҳуриявии «Масъалаҳои муҳими таърихнигории муосири тоҷик (26-27 майи соли 2004. – Душанбе, 2005. – С.24-26.
8. Ғафуров Б., Прохоров Н. Таджикский народ в борьбе за свободу и независимость своей Родины.– Сталинабад, 1944.
9. Джалилов А. Из истории культурной жизни предков таджикского народа.- Душанбе, Ирфон,1973.
10. Дарси хештаншиносӣ. Маҷмуаи мақолаҳо .- Душанбе: Ирфон, 1989.
11. Донишнома. Рисолаи мухтасар аз таърихи салтанати хонадони Манғития. – Душанбе,1968.
12. Донишнома. Наводир-ул-воқеъ қ. 1.- Душанбе,1988, қ.2 – Душанбе,1989.
13. Ёрмуҳаммадов А. Барномаи курси таърихнигорӣ (таърихи илми таърих, историография), - Душанбе,2005.
14. Зикриёев Ф.Б. Набиева Р.А., Зикриёева М. Ф. Таърихи Ватан - Душанбе: Собириён, 2007.
15. Маводи конференсияи илмӣ ҷумҳурияии «Масъалаҳои муҳими таърихнигории муосири тоҷик» (26-27 майи соли 2004).- Душанбе,2005.
16. Искандаров Б.И. Из истории борьбы за установление Советской власти в Таджикистане,- Душанбе,1953.
17. Масов Р.И. Истории топорного разделений.- Душанбе,1991.
18. Масов Р.М. Тоҷикон: таърих бо муҳри «комилан махфӣ». Душанбе, 1995.
19. Масов Р.М. Таджики: вытеснение и ассимиляция. – Душанбе, 2005.
20. Наврузов Г. Формирование научного центра в Таджикистане (1924-1950гг.). – Душанбе,1992.
21. Очерки истории и теории культуры таджикского народа. – Душанбе,2006.
22. Очерк возникновения и развития современного басмачества в Бухаре.
23. Покровский М.Н. Русская история в самом стажом очерке. В кн. М. Н. Покровский изб. произв. – М., 1967, кн.3.
24. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих: Китоби якум. Лондон,2000; Китоби дуюм.- Душанбе,2002; Китоби сеюм. Душанбе, 2006.
25. Раҳмонов Э. Сарчашмаи худшиносии миллӣ // Б.Ғ Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998.
26. Расулиён Қ. Осори таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистон. - Душанбе Ирфон, 2008.

27. Раҷабов З. Ш. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ – сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва авали асри XX –Сталинобод,1959.
28. Раҷабов З. Ш Маорифпарвар. Аҳмади Дониш.- Душанбе: Ирфон,1964.
29. Раҷабов С. А.Тақсимоти миллӣ – ҳудудӣ дар Осиёи Миёна ва аҳамияти он барои ташкил шудани Респибликаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон //Материалҳо оид ба таърихи халқи таҷик (Давраи Советӣ).–Душанбе,1957.
30. Сомоленский Н. И. Теория и методология истории. М., 2008.
31. Соколов И.П. О характере естественно–исторических исследований Средний Азии до Октябрьской революции. – Ташкент, 1934.
32. Стаценко И.А.Из истории народных движений в Таджикистане во второй половине XIX начале XX вв. (1870-1917гг.).- Душанбе,1963.
33. Таджикистан в трудах дореволюционных исследователей.- Душанбе: Дониш. 1990.
34. Тухтаметов Т.Г. Россия и Бухарский эмират в начале XX века.- Душанбе,1977.
35. Умар С.У. Расцвет науки в Таджикистане. – Салинабад, 1960.
36. Фарҳанг .- 2009.-№ 5-6.
37. Ҳодизода Р., Каримов У., Саъдиев С. Адабиёти тоҷик. Асарҳои XVI ва ибтидои асри XX ( китоби дарсӣ).- Душанбе,1988.
38. Шагалов Е. С. Первое научное общество Таджикистана.–Душанбе,1966.
39. Шишов. А. Таджики (этнографическое исследование),- Алматы, 2006.
40. Шарофуддинов С.С Вклад академика В.В. Бартольда в изучение истории и культуры таджикского народа. //Автореферат на соиск. уч. степ. к.и.н.- Душанбе,2014. – 26 с.

## X. ТАЛАБОТ НИСБАТ БА ТАДРИСИ ФАН. ТАРТИБИ БАҲОГУЗОРӢ

**Сару либос**: расмӣ - тибқи талаботи муқаррар намудани Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барои аз худ намудани фан иштироки донишҷӯ дар тамоми машғулиятҳои дарсӣ, саривақт иҷро намудани корҳои мустақилона бо роҳбарии омӯзгор (КМРО), кори семестрӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯ ҳатмӣ мебошанд. Ҳангоми роҳ додан ба дарсшиканӣ ва ё саривақт иҷро накардани супоришҳои аз ҷониби омӯзгор муқарраршуда донишҷӯ ба холҳои муайян сазовор намешавад. Дар мавриди зоҳир намудани фаъолияти мусбӣ (саривақт иҷро намудани супоришҳои аз ҷониби омӯзгор муқарраргардида, иштироки фаъолона дар машғулиятҳои амалӣ ё КМРО) донишҷӯ аз ҷониби омӯзгор бо холҳои муайян мушараф мешавад.

Бо мақсади пурра аз бар намудани фанни таълимӣ дар назди кафедра барои омӯзгорон ва кормандон синфхонаи алоҳида муқаррар карда шуда, ҷадвали гузаронидани мусоҳибаҳо, сӯҳбатҳо ва корҳои мустақилона овехта шудааст. Дар назди кафедра Ҷамъияти илмии донишҷӯён фаъолият мекунад, ки дар ҷаласаҳои он мавзӯъҳои гуногуни барои донишҷӯён муҳим ва шавқовар мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор дода мешаванд.

Баҳодиҳӣ ба дониши донишҷӯён аз фанни таълимӣ дар асоси низоми кредитӣ-модулӣ бо натиҷаи ниҳоии холҳои дар рейтингҳо ва имтиҳони ҷорӣ аз ҷониби донишҷӯ бадастовардашуда, ки дар маҷмӯъ 100 %-ро ташкил медиҳанд, гузаронида мешавад. Рейтинги донишҷӯ аз фанни таълимӣ барои гузоштани баҳои ҷамъбастӣ дар шакли ҳарфҳо тибқи низоми таҳсилоти кредитӣ (низоми даҳбалаи *EuropeanCreditTransferSystem* – ESTS) ва низоми анъанавӣ (низоми чорбала ё «комёб») ҳамчун асос баромад мекунад. Баҳои ҷамъбастии донишҷӯ дар ду шакли номбаршуда дар варақаи имтиҳонӣ ба қайд гирифта мешавад.

***Ҷадвали 1***

| Тавсифи кори донишҷӯ | Ҳудуди холҳои рейтингӣ | Баҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Тибқи низоми кредитӣ (ECTS) | Тибқи низоми анъанавӣ (чор-бала ё «комёб») |
| ***«Аъло»*** - кори дар сатҳи олӣ иҷрокарда-шуда. Сатҳи иҷрокунӣ ба талабот пурра ҷавобгӯ буда, мазмуни назариявии фан-ни таълимӣ комилан аз худ карда шуда-аст, қоблияту маҳорати иҷро намудани корҳои амалӣ дар донишҷӯ ташаккул ёфтаанд, тамоми супоришҳои аз рӯи бар-номаи таълимӣ пешбинишуда пурра иҷро карда шуда, сифати иҷро намудани онҳо тавассути холҳои ба ҳадди баланд-тарин наздикгардида баробар, муайян карда шудаанд. | 90-100 | A | Аъло |
| | | A- | |
| ***«Хуби хуб»*** - кори хуб, сатҳи иҷроиш ба аксарияти талабот ҷовобгӯ, мазмуни на-зариявии фанни таълимӣ пурра аз худ карда шудааст, қобилияту маҳорати ама-лӣ дар асоси аз худ намудани фан дар донишҷӯ аслан ташаккул ёфтаанд, супо-ришҳои тибқи барномаи | 75-89 | B+ | Хуб |
| | | B | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| таълимӣ пеш-бинишуда, пурра иҷро карда шудаанд, сифати иҷро намудани аксарияти корҳо тавассути холҳои имконпазир баҳо дода шудаанд. | | B- | |
| ***«Қаноатбахш»*** - сатҳи иҷроиши корҳо ба қисмати зиёди талаботҳо ҷавобгӯ буда, мазмуни назариявии фанни таълимӣ гар-чанде қисман аз худ карда шудааст, лекин он қадар назаррас нестанд, қоби-лияту маҳоратҳои зарурии иҷро наму-дани корҳои амалӣ дар маҷмӯъ ташак-кул ёфтаанд, қисми зиёди супоришҳои тибқи барномаи таълимӣ пешбинишуда иҷро карда шудаанд, дар ҳалли баъзе супоришҳо ба хатогӣ роҳ дода шудааст, ***«Бавосита»*** - корҳо дар сатҳи суст иҷро карда шуда, сатҳи иҷро намудани онҳо ба талабот ҷавобгӯ нест, мазмуни наза-риявии фан қисман аз бар карда шуда-аст, баъзе қобилияту малакаҳои иҷрои корҳои амалӣ ташаккул наёфтаанд, қис-ми зиёди супоришҳои тибқи барномаи таълимӣ пешбинишуда, иҷро нагардида-анд ва ё сифати иҷро намудани баъзе аз онҳо тавассути холҳои ба ҳадди ақал баробар баҳогузорӣ карда шудаанд. | 50-74 | C+<br>C<br>C-<br>D+<br>D | Қаноат-бахш |
| ***«Ғайриқаноатбахш»*** - мазмуни назария-вии фанни таълимӣ қисман аз худ карда шудааст, ё умуман аз худ карда нашу-дааст, қобилияту маҳоратҳои зарурии иҷро намудани корҳои амалӣ ташаккул наёфтаанд, аксарияти супоришҳои тибқи барномаи таълимӣ пешбинишуда, иҷро нагардида, дорои хатогиҳои дағал мебо-шанд, сифати иҷро намудани онҳо тавас-сути холҳои ба ҳадди ақал баробар ё наздик баҳогузорӣ карда шудаанд, кори иловагии иҷрокардашуда ба баланд шудани сифати амалӣ гардонидани супо-ришҳои таълимӣ мусоидат намекунад. | 0-49 | F | Ғайриқаноа тбахш |

2. Рейтинги умумии донишҷӯ доир ба фанни таълимӣ ҳамчун ҷамъи холҳои умумии ӯ дар санҷишҳои фосилавии 1, 2 (то 100 холӣ, ки ҳар кадом баробари 25% дониста шудааст) ва аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳон (то 100 хол, ки баробари 50% қабул карда шудааст) дар нимсола муайян карда мешавад.

Таносуби фоизи азхудкунии фанни таълимӣ дар рафти муайян намудани рейтинги умумии донишҷӯ дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Баҳои умумии донишҷӯ оид ба азхудкунии барномаи таълимии ҳар як фан бо формулаи зерин ҳисоб карда шуда, бо фоиз ифода меёбад:

$$Холхои\ умуми = \left[\frac{(P_1+P_2)}{2}\right]\cdot n_1 + Ин\cdot n_2$$

даринҷо:

n – коэффисиенти доимӣ набуда, метавонад аз 0,40 то ба 1,0 баробар бошад ва ҳосили ҷамъи ададҳои $n_1$ ва $n_2$бояд ба1 баробар шавад.

$P_1$- холҳои рейтинги якум;

$P_2$- холҳои рейтинги дуюм;

*Ин*– холҳои имтиҳони ниҳоӣ.

*Ҷадвали 2*

| Шакли аттестатсияи ҷамъбастӣ доир ба фанни таълимӣ | Таносуби холҳо (ба ҳисоби %) | |
|---|---|---|
| | Дар санҷишҳои фосилавӣ ($P_1$ ва $P_2$) | Дар аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳон |
| Имтиҳон (нимсолаи якум) | 25+25=50 | 50 |

***Фаъолияти академии донишҷӯ дар ҳар як давраи рейтингӣ (давраҳои санҷиши фосилавии 1 (ҳафтаҳои 1-8), 2 (ҳафтаҳои 9-16):*** 24 + 36 + 32 +8= 100.

Аз ҷумла: 24хол – барои дарсҳои лексионӣ;

36 хол – барои машғулиятҳои лабораторӣ;

32 хол – барои иҷрои кори мустақилона.

8 хол - барои КМД

Иҷроиши чорабиниҳои таълимӣ аз рӯи фан (фаъолияти академии донишҷӯ дар нимсола) ба таври зайл баҳо дода мешаванд:

***I. Лексияҳо:*** 8 х 3,0 хол = 24**,0 хол** (дар як ҳафта: 2,0 хол – давомот ва талаботи устод оид ба дарс + 1,0 хол – конспект);

***II. Машғулиятҳои лабораторӣ:*** **8** х 5,5 хол = **44 хол** (дар як ҳафта: 1,0 хол – барои давомот, 4,5 хол – барои иҷрои корхои лабораторӣ).

***III. Машғулиятҳои(КМРО) амалӣ:*** **8** х 4,0 хол = **32 хол** (дар як ҳафта: 1,0 хол – барои давомот, 3,0 хол – барои фаъолият дар машғулиятҳои амалӣ).

**IV. Кори мустакилонаи донишчу (КМД) 8x1=8**

Барои муайян намудани рейтинги донишҷӯ ҳангоми иҷрои кори мустақилона низоми модулӣ-рейтингӣ – низоми даҳбала (ESTS) истифода карда мешавад.

Иҷрои кори мустақилона ба давраҳои гуногун ҷудо мешавад. Барои иҷро намудани ҳар як давра мӯҳлати муайян муқаррар карда шудааст.

Холҳои рейтингии дар рафти иҷрои кори хаттӣ бадастовардаи донишҷӯ аз фанни таълимӣ ба рейтинги умумии он илова карда мешаванд.

**Аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳон: 50 хол.**

Муайян намудани рейтинги донишҷӯ дар аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳони фанни таълимӣ низ дар асоси талаботи низоми холдиҳӣ-рейтингии ECTS ба амал оварда мешавад.

Аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳон доир ба фанни таълимӣ дар шакли қабули тест гузаронида мешавад. Ҳаҷми саволномаи тестӣ дар аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳонӣ фанни таълимӣ ба 25 савол баробар аст.

Ба ҳар як ҷавоби дуруст – 4 хол муқаррар карда шудааст.

Холҳои дар рафти қабули аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳони фанни таълимӣ бадастовардаи донишҷӯ ҳамчун ҷамъи холҳои санҷиши тестӣ дониста шудааст.

Холҳои рейтингии дар аттестатсияи ҷамъбастӣ, имтиҳони фанни таълимӣ бадастовардаи донишҷӯ ба холҳои дар давоми семестр азхудкардаи ӯ илова карда мешаванд.